«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
академик Хушвахтзода Қ.Х. ____________
«_15_» ___ҷунвари___ соли 2026

# ХУЛОСАИ
## Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи номзадии Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ ба шумор мерафт.

Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро бо дипломи аъло соли 2012 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ аз 07 октябри соли 2024 №201 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ қабул гардида, роҳбарии илмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назаров А.Қ. таъйин карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ аз 29 октябри соли 2024 №10 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Назаров Аваз Қувватович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз санаи 04.12.2025, №1343 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст. Аз ҷумла, имтиҳон аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои “хуб” аз санаи 24.12.2024, таърихи фалсафаи илм бо баҳои “аъло” аз санаи 13.06.2025 ва имтиҳон аз ихтисоси “Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” бо баҳои “аъло” аз санаи 12.11.2025 супоридаст.

Диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ аз 13 январи соли 2026, №1 муҳокима гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025 №10 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**1. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи лоиҳаи илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва мувофиқи «Барномаи давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 265 тасдиқ шудааст, инчунин «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ки, ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, анҷом дода шудааст.

**2. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**3. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд ва метавонанд ҳамчун санадҳои тасдиққунандаи татбиқи илмӣ истифода шаванд. Аҳаммияти назариявӣ дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ истифода шаванд, инчунин барои таҳияи барномаҳо ва санадҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти экстремистҳоро танзим мекунанд ва паҳншавии ғояҳои онҳоро

пешгирӣ менамоянд, асоси методологӣ таъмин менамоянд. Аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тафтишоти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба тафтиш ва пешгирии чунин ҷиноятҳо машғуланд, истифода шаванд. Ин таҳқиқот инчунин метавонад дар рафти таълим дар муассисаҳои олии ҳуқуқшиносӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои экспертизаи судӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, дар ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси тахассусӣ, инчунин дар низоми такмили ихтисоси кормандони соҳа ва хизматчиёни давлатӣ, бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, педагогҳо ва равоншиносон мавриди амал қарор гирад.

**4. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми довталаб дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ду самт асосӣ таҷассум меёбад: назариявӣ ва амалӣ. Аз ҷиҳати назариявӣ, довталаб таҳқиқоти мукаммал анҷом дода, хулосаҳо ва пешниҳодҳои навро оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия намуд, ки метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъда ва таҳияи барномаҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ хизмат кунанд. Аз ҷиҳати амалӣ, довталаб натиҷаҳои таҳқиқотро барои такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои экстремистӣ, ҳамчунин дар омӯзиши фанҳои экспертизаи судӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои махсуси тахассусӣ татбиқ намуд. Илова бар ин, саҳми довталаб дар ташаккули тавсияҳо барои бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, педагогҳо ва равоншиносон таҷрибаи амалӣ ва роҳнамои методологиро фароҳам овард.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ин таҳқиқот бисёрҷанба ва назаррас мебошад. Дар асоси таҳлил ва таҳқиқоти мустақил, довталаб навгониҳои илмиро оид ба масъалаҳои таҳлилшаванда асоснок намуда, нуқтаҳои калидии илмии пешниҳодшавандаро ба тарзи мушаххас ва систематикӣ шакл дод. Ин саҳм на танҳо дар таҳияи мазмун ва хулосаҳои диссертатсия, балки дар равиши умумии таҳқиқот низ таҷассум меёбад, зеро довталаб тавонист масъалаҳои мураккаби ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқот ва таҷрибаи амалии криминалистика ба тарзи инноватсионӣ таҳлил намояд.

Ҳамчунин, саҳми шахсии довталаб дар услуби баёни илмӣ ва тарзи муаррифии натиҷаҳо намоён аст. Ӯ дар таҳияи мақолаҳои илмӣ, нашри онҳо дар маҷаллаҳои эътирофшуда ва иштироку пешниҳоди мунтазами гузоришҳо оид ба маводи диссертатсия дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона

иштирок намуд. Ин таҷриба на танҳо сатҳи илмию методологии таҳқиқотро тақвият дод, балки ба рушди малакаҳои коммуникатсионӣ ва муаррифии илмии довталаб низ хизмат кард.

Ҳалли масъалаҳои матраҳгардида дар диссертатсия дорои равиши мустақили муаллиф буда, ба дастовардҳои муосири илмӣ ва таҷрибаи амалии криминалистика асос ёфтааст. Довталаб тавонист ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, ки барои таҳлили ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ зарур буданд, бо ҳам пайваст намуда, роҳҳои нав ва амалишавандаи таҳқиқро пешниҳод намояд. Ин масъаларо бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ такмил дод, ки аҳамияти амалии таҳқиқотро боз ҳам афзун сохт.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мавзуъ ва объектҳои таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузоштašуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Муслихиддинзода М.М. Использование поисковых интернет систем при раскрытии преступлений экстремисткой направленности [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Т. 2. – № 3(50). – С. 236-250; ISSN 2709-6246.

[2-М]. Муслихиддинзода М.М. Криминалистическая харатеристика пресуплений экстремистического характера [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Государствоведение и права человека. – 2025. – №1 (37). – С. 390-401; ISSN 2414 9217.

[3-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Хусусиятҳои экспертизаи муаллифшиносӣ ва истифодаи он дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ/ М.М. Муслиҳиддинзода// Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №4 (40). – С. 293-301; ISSN 2414 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[4-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Назаров А.Қ. Тавсифи криминалистикии ҷиноятҳои дорои хусусияти эксремистӣ [Матн] / М.М. Муслиҳиддинзода, А.Қ. Назаров // Навиди илм: Маҷаллаи илмӣ. – 2025. – С. 152-154.

[5-М]. Муслиҳиддинзода, М.М., Назаров А.Қ. Ташкили ҳамкории муфаттиш бо дигар хадамот ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта [Матн] / М.М. Муслиҳиддинзода, А.Қ. Назаров // IV-уми конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18-уми апрели соли 2025). – 2025. – С. 56-59.

[6-М]. Муслихиддинзода, М.М. Международное сотрудничество Республики Таджикистана в сфере противодействие экстремизму [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Актуальныие проблемы современности: взгляд молодежи международная научно–практическая конференция. –Душанбе, 23 мая 2025. – С. 84-87.

[7-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Нақши муфаттиш дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ [Текст] / М.М. Муслиҳиддинзода // Ҳуқуқи инсон мушкилоти замони муосир: маводи конфренсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ рақамӣ ва инноватсия» ва қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ». – Душанбе, 5-уми декабри 2025. – С. 623-628.

Пас аз баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

5.5.12. – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 13 январи соли 2026, №1 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раисикунандаи ҷаласа:**
**Сарходими илмии**
**шуъбаи ҳуқуқи давлатии**
**Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ**
**д.и.ҳ., профессор** **Иброҳимов С.И.**

**Котиби ҷаласа:** **Саидзода М.Ё.**

**Имзоҳои Иброҳимов С.И. ва Саидзода М.Ё.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Раёсати АМИТ** **Акрамов Т.С.**
**«15» января 2026 с.**

Суроға: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33. АМИТ
Тел.: +992(37)221-87-64, факс: +992(37)221-71-00
Почтаи электронӣ: info@anrt.tj, сомонаи интернетӣ:www.amit.tj